Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, профессор
_____________ Миралызода А.М.
_____________ соли 2022

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ёрматов Алишер Ҷолматович дар мавзуи «Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории мактабу хонавода дар тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) кори илмӣ – таҳқиқотиашро анҷом додааст, ки кори мазкур дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Ёрматов Алишер Ҷолматович соли 2015 факултети таҳсилоти ибтидоӣ (ҳозира факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро хатм намудааст. Мавсуф дар баробари омодасозии диссертатсия аз соли 2015 то ин ҷониб ба ҳайси саромӯзгори кафедраи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият менамояд.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз соли 2022 аз тарафи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дода шудааст.

Роҳбари илмии Ёрматов Алишер Ҷолматович – Иброҳимов Грез, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад.

Ёрматов Алишер Ҷолматович доир ба муҳтавои асосии рисолаи номзадиаш ба ҳозирин маълумот дод. Аз ҷумла, дар рафти баромад иброз намуд, ки мушкилоти дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия ва ба воя расонидани насли наврас яке аз масъалаҳои бағоят муҳими соҳаи педагогика психология, фалсафа, сиёсатшиносӣ ва сотсиология мебошад.

Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати мамлакат, хосатан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои муаззами миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи тарбияи ҳаматарафаи наслҳои наврасу ҷавон дар рӯҳияи хештаншиносию худогоҳии миллӣ диққати ҷиддӣ дода, масъалаи мазкурро яке аз омилҳои асосии рушди кишвар донистаанд ва тарбияи солимро маҳаки муҳиму асосии ҷомеаи тозабунёдамон шуморидаанд: Ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсияти дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад.

Дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия намудану ба воя расонидани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ масъалаи мураккаб буда, он роҳу воситаҳои гуногун ва корбарии дуру дарозро тақозо дорад. Дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия намудани наврасон аз давраҳои гузаштаи дури ниёгонамон маншаъ мегирад.

Тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ шаҳрванд бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд. Донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст? Баҳри иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд намояд. Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад. Шаҳрванд бояд қадру қимати худро донад ва онро ҳимоя намояд. Аз миллат, таърих ва фарҳанги он бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ донад. Худогоҳӣ аз бедории миллии шаҳрванд ба миён меояд ва ӯро ба сӯи ифтихори миллӣ ҳидоят менамояд. Ӯро барои хизмат кардан ба Ватан ва миллат сафарбар мекунад, ба райъи ӯ ғизои ахлоқию маънавӣ ворид месозад. Шаҳрванди хештаншинос ва худогоҳ истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагари манфиятҳои миллат мебошад

Мушкилоти дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия ва ба воя расонидани насли наврас яке аз масъалаҳои бағоят муҳимми соҳаи педагогика психология, фалсафа, сиёсатшиносӣ ва сотсиология буда, як қисми таркибии миллати тоҷик маҳсуб меёбад ва наслҳои ҷавон, бахусус, наврасонро, ки оядаи асосии субъекти миллӣ мебошанд, мутааллиқ будани онҳоро ба таърих ва пайдоиши ин миллат ва рушду нумуи он асоснок мекунад.

Дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия намудану ба воя расонидани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ масъалаи серпаҳлую мураккаб буда, он роҳу воситаҳои гуногун ва корбарии дуру дарозро тақозо дорад. Дар рӯҳияи хештаншиносӣ тарбия намудани наврасон аз давраҳои гузаштаи дури ниёгонамон маншаъ мегирад. Ҳанӯз аз давраҳои хеле кӯҳан мутафаккирон, донишмандону адибон ва педагогҳои тоҷику форс (ҳарчанд истилоҳи мушаххаси «педагог» ба маънои томи кунунӣ маъруфият надошт), ба масъалаи тарбияи наслҳои наврас диққат дода, таҷриба, маҳорат, дониш ва осори гаронбаҳои худро сарфи ин намуди тарбия намудаанд. Таърихи зиёда аз ҳазорсолаи адабиёт, тамаддун ва педагогикаи тоҷик тавонист, ки аз қаъри ин асрҳо беҳтарин хислат ва рафтору одоби ба инсони комил мансубу мутааллиқро тавассути мероси оламшумули фарзандони бофарҳанги хеш ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд.

Дар кори диссертатсионӣ махсус қайд шудааст, ки дар рӯҳияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, хештаншиносию худогоҳии миллӣ ба воя расонидани наслҳои наврасу ҷавон ва рушди ҷомеаи демократӣ яке аз

мақсадҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Тоҷикистони соҳибистиқлол айни замон дар ҷомеаи кунунии ҷаҳонӣ бо таърих ва фарҳанги бойи худ мавқеи шинохтаро ишғол менамояд. Аз ин рӯ, муаллимони муассисаҳои таҳсилоти асосиро, ки дар таълиму тарбияи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ нақши асосӣ мебозанд, зарур аст, ки тавассути дониши баланд ва таҷрибаи бойи педагогӣ ба ҷаҳони маънавии мактаббачагон таъсир расонида, дар ҳифз кардану рушди ин дастовардҳо ҳиссагузор ва идомабахши музаффарияти насли бузургсоли худ бошанд.

**Заминаи методологии таҳқиқотро** таълимоти файласуфон, бостоншиносон, равоншиносон ва педагогон дар бораи ҳамкории мактаб, оила ва нақши он дар ҷомеа, анъанаҳо ва урфу одатҳо дар тарбияи худшиносӣ, нақш ва мақоми онҳо дар тайёр намудани ворисони сазовори даврон, ақидаҳои таърихӣ нисбати рушд ва ташаккули тарбияи худшиносӣ, асарҳои мутафаккирони классики форсу-тоҷик бахшида ба тарбияи худшиносию худогоҳӣ, тарбия ва тайёрии фарзандон ва насли наврас ба ҳаёт, асарҳои муосири олимону таҳқиқотчиёни ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи пешқадами алоқаи байниҳамии оила, мактаб ва ҷомеа дар таълиму тарбия насли наврас ва ҷавон, қонуну консепсияҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил мекунанд.

**Мақсади таҳқиқот** аз муайян кардани ҷойгоҳи тарбияи худшиносӣ дар таърихи гузаштаву муосири афкори педагогии халқи тоҷику форс иборат аст ва ба тайёр намудани наслҳи наврас дар рӯҳияи хештаншиносӣ бо назардошт ва корбандӣ намудани ҷиҳатҳои тарбиявӣ-педагогӣ таъсир мерасонад. Марбут ба мақсади таҳқиқот аз тарафи мо чунин фарзияи корӣ пешниҳод карда мешавад:

**Вазифаҳои таҳқиқот:** аз таҳқиқи тарбияи худшиносӣ дар афкори педагогии ниёгон ва муайян намудани ҷойгоҳи он дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ иборат мебошад:

1. Шароити воқеӣ, мадании зуҳурёбӣ ва инкишофи ақидаҳои марбут ба тарбияи худшиносӣ дар асрҳои гузаштаву муосири тоҷику форс.
2. Манбаъ ва сарчашмаҳои асосии пайдоиш ва инкишофи тарбияи худшиносӣ.
3. Хусусиятҳои умумӣ ва ақидаҳои мутафаккирон нисбат ба тарбияи худшиносӣ.
4. Аниқ намудани масъалаҳои бамиёнгузоштаи олимону мутафаккирони шинохта марбут ба масъалаҳои назарию амалии таълиму тарбияи насли наврас.

**Объекти таҳқиқот:** тарбияи хештаншиносӣ ва раванди ташаккули он дар муассисаҳои таҳсилоти асосӣ.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот**: омӯзиши тарбияи хештаншиносӣ, ки яке аз омилҳои асосии ташаккули ҷаҳони маънавии наврасон маҳсуб меёбад.

**Фарзияи таҳқиқот** Омодасозии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ тавассути дар рӯҳияи ахлоқи ҳамида-хештаншиносӣ дар шароити кунунӣ он вақт самараноктар ҷараён мегирад, ки агар:

- таълими мавзуъҳо аз тарафи омӯзгорон мақсаднок ва бамаврид ба роҳ монда шаванд;
- инкишофи ҷараёни маърифатӣ, хусусиятҳои инфиродӣ ба ҳисоб гирифта шавад;
- ҷамъбаст, таҳлил ва хулосабарории мавзуъҳои таълимӣ ба ҳаёти муосир, бахусус, ба ҳаёти рӯзмарраи бачаҳо муқоиса карда шаванд.
- дар раванди омӯзиш ба мундариҷаи мавзуъҳои таълимие, ки дар онҳо марбут ба хештаншиносӣ далелу санад ва маълумот ҷой дода шудаанд, диққати ҷиддӣ дода шавад;
- маълумоти махсуси иттилоотӣ дар раванди таълиму тарбия барои рушди хештаншиносӣ, ки як рукни асосии ташаккули шахсияти мактаббачагон мебошад, корбаст шавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот) Таҳқиқот се марҳиларо дар бар мегирад.**

**Дар марҳилаи якум, солҳои таҳсили 2015–2017**–ро фарогир буд ва омӯзишу таҳлили адабиёти илмӣ–методӣ, психологӣ-педагогиро, ки тибқи мавзуи тадқиқот корбандӣ гардида буд, дар бар мегирифт.

**Марҳилаи дувум (солҳои 2017-2019)** нишондиҳандаҳо ва паҳлуҳои омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ ба воситаи хештаншиносӣ муайян карда шуданд.

**Марҳилаи сеюм (солҳои 2019–2022)** маълумоти таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавии (эмпирикӣ)–и маводи таҳқиқот ҷамъбаст ва натиҷаҳои ҳосилгардида, мушаххасу муайян кардани роҳҳои самараноки омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ таҳлили худро ёфтанд. Натиҷаҳо ҷамъоварӣ ва маводҳо дар шакли рисола таҳия ва таълиф шуданд. Дар интиҳо замимаи маълумоти илмии гирифташуда, пешниҳод карда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот:**

- ҷанбаҳои педагогии омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ вобаста ба хештаншиносӣ таҳия карда шуданд;
- тавсия ва дастурҳои методӣ оид ба омодасозии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ марбути хештаншиносӣ омода карда шуданд;

**Асосҳои методологии таҳқиқот** таълимоти ҳамкории мутақобилаи илмӣ, методӣ ва умумибашарӣ (Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҷомӣ, Саъдӣ, С. Айнӣ, Б. Ғафуров, М. Турсунзода, А. С. Макаренко, К. Д. Ушинский ва амсоли инҳо), нишондодҳои фалсафӣ дар бораи бо ҳам алоқаманд будани ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва аз хусуси боз ҳам таъсиррасонанда будани назария ва амалия, инчунин, дар вақти таҳқиқот ба ҳисоб гирифтани таҷрибаи таърихи инсоният ҳангоми дарк намудани вазифаҳои муҳими замони муосир ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаҳои маълумот**

1. Осори классикони тоҷик ҳамчун сарчашмаи асосӣ бахшида ба масъалаҳои таълиму тарбияи хештаншиносӣ.
2. Рисолаҳо, асарҳо, мақолаҳо ва дигар корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ бахшида ба тарбияи хештаншиносӣ.
3. Сарчашмаҳои адабиёти гуногуни илмӣ–методӣ, фалсафӣ, психологию педагогӣ ва таҳлили муқоисавии онҳо.
4. Таҷдиди системаи ақидаҳои педагогии мутафаккирони гузаштаву муосир ва ҷамъбасти санадҳои ба даст овардашуда.
5. Ташкил ва гузаронидани суҳбату мубоҳисаҳо дар рафти таҳқиқот бо мактаббачагон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти** бадастовардаи мо он аст, ки рисолаи мазкур нахустин таҳқиқоти алоҳида оид ба тарбияи хештаншиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ мебошад. Муаллиф, дар он бори аввал дар таърихи педагогикаи халқи тоҷик ақидаҳои педагогии беҳтарин намояндагони классики тоҷику форс ва муосирро таҳлил намуда, ба ҷиҳати тарбиявии ақидаҳои онҳо диққати махсус додааст. Мақолаю дастурҳои методии аз тарафи муҳаққиқ таҳияшуда барои тарбияи хештаншиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ, хештаншиносӣ, инчунин, баланд бардоштани сифату самаранокии он мусоидат мекунад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Мафҳуми худшиносӣ ҳамчун падидаи фалсафӣ, адабӣ ва педагогӣ. Нақш ва ҷойгаҳи мафҳуми хештаншиносӣ дар адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик;
2. Нақши омӯзгорон дар муҳайё намудани шароит ва заминаҳои асосии тарбияи худшиносии мактабиён;
3. Заминаҳои ҳамкории омӯзгороу муассилин ва истифодаи самараноки онҳо.
4. Ташкил ва гузаронидани корҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ оид ба тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ.
5. Коркарди маълумоти оморӣ, таҳлил ва хулоса;
6. Таълим ва ба назар гирифтани фаъолиятнокии хонандагон дар тарбияи хештаншиносӣ, мубориза алайҳи бегонапарастӣ;
7. Пешниҳодҳо оид ба тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаи бадастомадаи таҳқиқот ва тавсияҳои методии он дар амалияи корҳои таълимӣ-тарбиявии ҳама намудҳои мактабҳо, курсҳои баланд бардоштани ихтисоси муаллимони ҷумҳурӣ, машғулиятҳои назариявию амалӣ аз курси махсуси педагогикаи миллӣ ва таърихи он амалӣ ва татбиқ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Тадбирҳои назарӣ ва тавсияҳои амалӣ, ки дар рафти таҳқиқот оид ба мушкилоти тарбияи хештаншиносии мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ коркард шудаанд, натиҷаҳои қаноатбахш доданд.

Муҳтавои асосии кори диссертатсионии аспирант дар 20 номгӯй таълифоти муаллиф дар шакли мақола ва маводи дигари илмӣ, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, 2-дастури таълимӣ, 10 –мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва 8- мақола дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд:

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ТАЪЛИФОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНИКОС ЁФТААНД:

**а) Дастурҳоии таълимие, ки ба тавсияи шурои илмӣ – методии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба табъ расидаанд:**

**1.** Ёрматов А. Ҷ. «Худшиносӣ ва роҳои ташаккули он» [Матн] / Оқилова Қ. С. Душанбе «Матбаа», 2021. – 150 с.

**2.** Шарипов Б. «Асосҳои педагогӣ – психологии омода намудани кӯдакони имконияташон маҳдуд ба муҳити таҳсилоти махсус» [Матн] / Табарова З., Ёрматов А., Сайдалиева С., Алиева С. Душанбе «Матбаа», 2021. – 80 с.

**б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

*1. **Ёрматов А.Ҷ.*** Таъсиррасонии дастаҷамъона дар тарбияи хештаншиносии наврасону ҷавонон [Матн] / **А.Ҷ. Ёрматов** // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №3/7 қисми 1. – Душанбе, 2017. – С. 279 – 281.

2. ***Ёрматов А.Ҷ.*** Нақши коллективҳои педагогӣ, оила ва аҳли ҷомеа дар раванди тарбияи хештаншиносии хонандагон [Матн] / **А.Ҷ. Ёрматов** // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №1.– Душанбе, 2018. – С. 291 – 294.

3. ***Ёрматов А.Ҷ.*** Таъсиррасонии тарбиявии коллективҳои педагогии мактаб, оила ва ҷомеа дар ташаккули хештаншиносии хонандагон [Матн] / **А.Ҷ. Ёрматов** // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №9.– Душанбе, 2018. – С. 207 – 212.

4. ***Ёрматов А.Ҷ.*** Нақши коллективҳои педагогӣ, оила ва аҳли ҷомеа дар тарбияи хештаншиносии хонандагон [Матн] / **А.Ҷ. Ёрматов** // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №1.– Душанбе, 2019. – С. 274 – 280.

5. ***Ёрматов А.Ҷ.*** Нақши афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик дар тарбияи худшиносӣ, худогоҳӣ ва хештаншиносии наврасону ҷавонон [Матн] / **А.Ҷ. Ёрматов** // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №8.– Душанбе, 2019. – С. 247 – 252.

6. ***Ёрматов А.Ҷ.*** Содействие самосознания и самопознания молодого поколения [Матн] / **А.Ҷ. Ёрматов, С.А. Сайдалиева, Қ.С. Ақилова** // (ISSN

2578–618X) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №11(39).– Душанбе, 2020. – С. 59 – 67.
7. ***Ёрматов А.Ҷ.*** Заминаҳои асосии омода намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар рӯҳияи хештаншиносӣ тавассути омӯзиши осори мутафаккирон [Матн] / **А.Ҷ. Ёрматов, Мирзоев А.Р.** // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №8.– Душанбе, 2021. – С. 287 – 294.
8. ***Ёрматов А.Ҷ.*** Тавсифи асосии мафҳуми хештаншиносӣ ҳамчун падидаи адабӣ, фарҳангӣ ва педагогӣ [Матн] / **А.Ҷ. Ёрматов, Г. Иброҳимов** // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №10.– Душанбе, 2021. – С. 284 – 289.
9. ***Ёрматов*** **А.Ҷ.** Нақши омӯзгорон ва хонандагон дар муҳайё намудани шароити асосии тарбияи худшиносии мактабиён [Матн] / **А.Ҷ. Ёрматов** // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №1.– Душанбе, 2022. – С. 278 – 285.
10. ***Ёрматов А.Ҷ.*** Ташаккулёбии муносибати байнишахсии хонандагон дар коллектив тавассути тарбияи иҷтимоӣ [Матн] / **А.Ҷ. Ёрматов, Қ.С. Оқилова** // (ISSN 2074–1847) Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (илмҳои педагогӣ) №3.– Душанбе, 2022. – С. 255 – 261.

**в) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

*1.* ***Ёрматов А.Ҷ.*** Бархе аз ҷашнҳои миллии тоҷикон дар тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ [Матн] / **А.Ҷ. Ёрматов** // Маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ бахшида ба солҳои 2020 – 2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» (23-25 апрели) Кӯлоб, 2019 С.322 – 325.
2. ***Ёрматов А.Ҷ.*** Омода намудани мактаббачагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ дар рӯҳияи хештаншиносӣ [Матн] / **А.Ҷ. Ёрматов, Ҷӯраев Б.** // Маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Ауабдуллоҳи Рӯдакӣ ва 30 –солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кӯлоб, 2020 С.354 – 358.
3. ***Ёрматов А.Ҷ.*** Масъалаи инкишофи ҳаматарафаи шахсият ва омилҳои асосии тараққиёти он [Матн] **А.Ҷ. Ёрматов, С.А. Сайдалиева** // Маводи конференсияи илмӣ – назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Аӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва 30 –солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кӯлоб, 2020. С.365 – 367.
4. ***Ёрматов А.Ҷ.*** Нақши коллективҳои педагогӣ, оила ва аҳли ҷомеа дар раванди тарбияи хештаншиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ [Матн] **А.Ҷ. Ёрматов** // Маводи конференсия бахшида ба солҳои 2019 – 2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» Кӯлоб «Промэкспо» 2019. С.186 – 189.
5. ***Ёрматов А.Ҷ.*** Таъсиррасонии тарбиявии колективҳои педагогии мактаб, оила ва ҷомеа дар ташаккули тарбияи хештаншиносии хонандагон [Матн] **А.Ҷ. Ёрматов** // Маводи конференсия бахшида ба

солҳои 2019 – 2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ» Кӯлоб «Промэкспо» 2019 С. 233-236.
6. ***Ёрматов А.Ҷ.*** Таъсири дастаҷамъона дар тарбияи хештаншиносии наврасону ҷавонон [Матн] **А.Ҷ. Ёрматов** // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Душанбе. 2016 №2/15. – С. 180 – 182.
7. ***Ёрматов А.Ҷ.*** Таъсиррасонии тарбияи оилавӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон [Матн] **А.Ҷ. Ёрматов, М.М. Алиева** // ПаёмиДонишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Душанбе. 2020. №1(24),С.240-246.
8. ***Ёрматов А.Ҷ.*** Нақшу мақоми фарҳанг–ҷашнҳои миллӣ дар тарбияи худшиносӣ, худогоҳӣ ва хештаншиносии наврасону ҷаввонон [Матн] **А.Ҷ. Ёрматов, Набиев М.** [Матн] // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Душанбе. 2020. №1(24),С.247-253.

Дар рафти муҳокима доктори имлмҳои педагогӣ, профессор Иззатова Муҳаббат Иноятовна, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Исоева Дилором Сайдаҳмадовна ва номзади илмҳои педагогӣ Акбарова Маҳрамбӣ Нусратуллоевна баромад намуда, фикру андешаҳои худро ба ҳайси эксперт доир ба рисолаи номзадии Ёрматов Алишер Ҷолматович баён намуданд.

Диссертатсияи Ёрматов Алишер Ҷолматович дар илми педагогикаи ватанӣ ва педагогикаи давлатҳои ИДМ аз нигоҳи масъалагузорӣ мавзуи нав ба ҳисоб меравад ва кам таҳқиқшуда мебошад. Дар ин бора адабиёти илмию методӣ барои муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ё камшуморанд ва ё мавриди дастрасӣ қарор надоранд, аммо муаллиф дар таҳлил ва таҳқиқи хеш ҷиҳати таълифи рисолаи илмӣ заҳмати зиёд кашида, натиҷаи корро хушсифат, мустақилонаю эҷодкорона иҷро кардааст. Ҷиҳатҳои назариявии рисолаи илмӣ хеле фаҳмою равшан ва мушаххас буда, аз ҷараёни ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон дар он метавон ба тарзи системавӣ, ки дар рисола инъикос гардидааст, бархурдор гардид.

Баромади унвонҷӯ Ёрматов Алишер Ҷолматович дар мавзӯи «Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории мактабу хонаода дар тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ» шунида шуд ва аз ҷониби аъзоёни ҷаласа мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар рафти муҳокимаи кори илмӣ ба аспирант дар доираи мавзуи таҳқиқотӣ якчанд саволҳо дода шуда, муҳаққиқ ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мушаххас дод. Диссертатсияи Ёрматов Алишер Ҷолматович ба талаботи Низомнома оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад. Дар фарҷоми муҳокима аз ҷониби аъзоёни ҷаласа,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Ёрматов Алишер Ҷолматович дар мавзуи «Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории мактабу хонавода дар

тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ» таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта ҳисобида шуда, барои ҳимоя дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ тавсия карда шавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул карда шудааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд 25 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор”-25 нафар, “муқобил”-нест, протоколи №9 аз 29 апрели соли 2022. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои
педагогӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти ибтидоии
факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Бозоров Хушвахт

Муқарризон:
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иззатова Муҳаббат Иноятовна
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Исоева Дилором Сайдаҳмадовна

Котиби ҷаласа, котиби илмии Шурои
олимони факултети омӯзгорӣ ва фарҳанги
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, ассистент Насибаи Сайҳомид

Маълумот барои тамос: Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кулоб, куч. С. Сафаров, 16; Тел. (+992 8 33 22) 2-35-07 E-mail: info@kgu.tj

*Имзоҳои Бозоров Х., Иззатова М.И., Исоева Д.С. ва Насибаи Сайҳомидро тасдиқ менамоям.*

Сардори РК ва КМ ДДК
ба номи А. Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.